**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 372.8:373**
**ББК: 74.26+74.2**
**Ҳ - 38**

**ҲАМРОЕВ ҲАБИБУЛЛО ҶӮРАЕВИЧ**

# ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ МАЛАКАҲОИ КОР БО МАТН, ДАРКИ МАЪНО ВА ХОНИШИ БОШУУРОНА ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ таърихи педагогика ва таҳсилот**

**ДУШАНБЕ - 2022**

Диссертатсия дар шуъбаи таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳшгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Ғиёсиев Меҳриддин** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими ДЧТИБКСМ

**Муқарризони расмӣ:** **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович -** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

**Ниёзов Акбар** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи методикаи таълими ибтидоии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Ҳимояи диссертатсия 12 сентябри соли 2022, соати $14^{00}$ дар шӯрои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ, 126, тел.: 225 84 23) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхона ва сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (www.aot.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ________ соли 2022 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ** **М.Б. Каримзода**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Давраи муосири рушди устувори ҷомеа зарурати дастёбӣ ба таҳсилоти босифат ва таҳсилот барои ҳаётро ба миён мегузорад. Доштани тафаккури мантиқӣ ва малакаҳои кор бо иттилоот (матн) аз салоҳиятҳои асосии насли “асри иттилоот” арзёбӣ мегардад.

Аз ин хотир, ҳадафи асосии таҳсилот бояд ба он равона карда шавад, ки дар зинаи якуми таҳсилоти ҳамагонӣ бачаҳоро тавре таълим диҳем, ки онҳо на танҳо хондану навиштан ва ҳисоб карданро уҳдабароёна азбар намоянд, балки аз ҷиҳати тафаккур ва эҷод низ рушдёфта бошанд ва фикрашонро дуруст баён карда тавонанд. Ба таъбири дигар, кӯдак дар ин синну сол бояд он чизеро аз худ кунад, ки ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ, аз қабили маҳорати омӯхтан ва мустақилона ҷӯстуҷӯ кардани дониш, тафаккури мантиқӣ, эҷодкорӣ, коммуникативӣ, ки ҷиҳати пешбурди фаъолият барои ӯ имрӯзу фардо заруранд, батадриҷ мусоидат намояд.

Бояд таъкид сохт, ки дар таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ кор бо матн ва дарки маънои он аз ҳама асосӣ буда, ташкили раванди хонишро бидуни он тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро фаҳмиши маънои матни хондашуда натиҷа ва ҷамъбасти фаъолияти фикрии хонандаи хурдсол маҳсуб меёбад.

Ғараз аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он аст, ки дар барномаҳои таълимии то солҳои дуҳазорум амалкунанда доир ба ташаккули малакаҳои дарки маъно ва зеҳни хонандагони синфҳои ибтидоӣ кам эътибор дода шуда, талаботи мушаххас муқаррар карда нашуда буд, ки ин тарзи муносибат ба инкишофи нутқи хонандагони хурдсол баъзе монеаҳоро ба бор меовард.

Сарфи назар аз ин, мушоҳида ва иштирок дар дарсҳои як идда муаллимони синфҳои ибтидоии ҷумҳурӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки то ба ҳол хонандагон аксаран мазмуни матнро ба дараҷаи зарурӣ намефаҳманд ва малакаҳои кор бо матн ва хониши бошуурона дар онҳо ба талабот ҷавобгӯ набуда, дар сатҳи паст қарор дорад. Вобаста ба ин, мо дар назди худ мақсад гузоштем, ки омил ва сабабҳои ба ин монанд ҳолатҳоро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, ба манзури мусоидат ба ислоҳи вазъ дар ин ҷода амсилаҳои муносибу мувофиқи методиву омӯзиширо коркард ва манзури омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ намоем.

Набудани таҳқиқоти мукаммал дар илми методикаи ватанӣ, ки мустақиман ва ҳамаҷониба ба масоили кор бо матн, омӯзиши малакаҳои дарки маъно ва аҳамияти хониши бошуурона дар инкишофи нутқи мактаббачагони хурдсол бахшида шуда бошад, моро ба интихоби мавзӯи мавриди назар раҳнамун сохтааст.

Аҳамияти мавзӯи мазкур дар он ифода меёбад, ки он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба таълиму тарбияи насли наврас ва дар заминаи татаҳаввулоту ислоҳоти куллие, ки солҳои охир дар соҳаи маорифи кишвар, махсусан, вобаста ба гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим ба вуқуъ омаданд, таҳия ва ироа шудааст.

Мулоҳизаву далелҳои зикргардида аз он далолат мекунанд, ки мавзӯи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобшуда - «Ҷанбаҳои педагогии

ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маъно ва хониши бошуурона дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Адабиёти илмӣ, илмӣ-методӣ, илмӣ-таълимӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ, ки дар дохил ва хориҷи кишвар аз ҷониби олимону методистони варзида доир ба мавзӯъ интишор шудаанд, мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд. Натиҷаҳои омӯзиш ва таҳлил аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар самти ташкили кор бо матн, дарки мазмун ва хониши бошуурона як идда корҳои назаррасе анҷом пазируфтаанд. Олимону методистони тоҷик дар пажӯҳиши проблемаҳои инкишофи нутқ, хониши бошуурона ва дарки маъно, инчунин, масъалаҳои назарию амалии таълии забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ба баъзе натоиҷ комёб шудаанд.

Олимону муҳаққиқони варзидаи тоҷик С. Айнӣ, М. Шакурӣ, Н. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, Д. Тоҷиев, С. Ҳалимов, Т. Х. Мирзозода, Т. Хаскашев, Ш. Ҳусейнзода, А. Афсаҳзод, Ҳ. Каримов, М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, И. Каримова, Х. Афзалов, Х. Ҳусейнов, С. Воҳидов, М. Муҳаммадиев, Б. Камолиддинов, М. Қурбонов, М. Раҳмонов, А. Эшонҷонов, Х. Буйдоқов, Х. Хаскашев, Б. Маҷидова, Л. Иматова, Р. Амонов, Н. Амонов, Х. Мирзозода, Н. П. Парпиев, С. Табаров, А. Сӯфизода, Б. Қодиров, С. Шербоев, С. Аминов, С. Имронов, Ф. Икромова, И. Абдуллозода, С. Неъматов, Э. Шарипов, С, Тағоев, А. Маҳмадаминов, А. Байзоев, Ш. Тағоев, М. Шайхов ва чанде дигарон оид ба масоили кор бо матн ва хониши бошууронаи он баъзе ишораҳо карда, дар ин ҷода андешаҳои шоёнеро ироа намудаанд, ки кори таҳқиқотии мо бо такя аз онҳо сурат гирифт.

Гузашта аз ин, олимон, равоншиносон ва методистони машҳури хориҷи кишвар К. Д. Ушинский, И. В. Прокопович, Б. И. Коротяев, М. Р. Львов, Б. Н. Кабанова, А. А.Л Юбинская, И. Г. Василева., В. А. Иоаннесьян, А. В. Полякова, В. П. Стрезикозин, М. Д. Виноградова., И. Б. Первин, А. Н. Соколова, Л. Л. Гуровой, Н. И. Жинкина, Т. Г. Рамзаева, Н. С. Рождественский, В. А. Кустарева, А. В. Текучев, В. А. Крутетский, А. А. Любинская, Н. Д. Левитов, А. А. Смирнов, Б. М. Теплова, Б. М. Кононыкин, Н. Т. Шербакова, М. А.Скаткина, М. Данилов, Л. П. Федоренко, Л. В. Занков, Л. П. Элконин, В. Т. Стрекозин, Т. А. Ладыженская, Л.С. Выготский, А.Н. Леонтьев, О.И. Никифорова, Р. Арнхейм ва дигарон роҷеъ ба масоили инкишофи нутқ, тафаккур, зеҳн, азбаркунии дониш ва хусусиятҳои равонии хонандагони хурдсол ибрози назар намуда, дар ин маврид ақидаҳои илмии хешро баён кардаанд, ки мо дар таҳқиқоти диссертациониамон аз онҳо ба таври густурда истифода намудем.

Равоншиносони ватаниву хориҷӣ таваҷҷуҳи махсусро ба он ҷалб менамоянд, ки дарки мазмун ин аксбардории муқаррарӣ ва қабули оддии иттилоот набуда, фаъолияти густурдаест, ки дар он ҳавасмандии мусбат, талабот ва шавқу рағбат нақши муҳим мебозанд.

Бо вуҷуди ин, ҳанӯз таҳқиқоти илмӣ-амалии мустақил доир ба технологияи педагогии ташаккули маҳорату малакаҳои кор бо матн, дарки маънои он ва хониши бошуурона дар хонандагони хурдсол ва асосҳои методии

татбиқи он дар раванди таълим дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон ба таври мукаммал анҷом дода нашудааст. Бинобар ин, хусусияти бисёрҷанбаи масъалаи мавриди таҳқиқ ва мавҷудияти ихтилоф ва муаммоҳои ҳалталабу баҳснок дар ин замина зарурати интихоби мавзӯъ, проблема, ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсияи мазкурро муайян намудаанд.

Масоили мазкур имконият фароҳам сохтанд, ки проблемаи таҳқиқот аниқ карда шавад. Мутобиқ ба проблемаи барои таҳқиқ муқарраршуда ва дар асоси таҳлили муҳим будани проблема ва предмети таҳқиқот мавзӯи кори диссертатсионӣ «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарк маъно ва хониши бошуурона дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» муайян карда шуд.

Проблемаи таҳқиқот:

- ҷустуҷӯ, муайянсозӣ ва асосноккунии роҳу усулҳои самараноки ҳалли проблемаи ташаккули малакаҳои кор бо матн ва хониши бошуурона дар хонандагони хурдсол мутобиқ ба талаботи замон ва муҳиммияти проблемаи мазкур;
- муайянсозии вазъи ҷобаҷогузории матнҳо дар китобҳои дарсии забони модарӣ, мувофиқати ҳаҷми матн ва мазмуни он ба синну соли хонанда;
- ошкор сохтани хусусиятҳои барҷаста доштани матн дар рушди нутқ ва тафаккури хонандагони хурдсол.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021 дар мавзӯи "Роҳу усулҳои ташаккули салоҳиятҳои хониши мустақилона дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ" ва талаботи асосии Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020, № 647) иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** Муайянсозӣ ва коркарди ҷанбаҳои педагогии илман асосноккардашудаи роҳу восита ва технологияҳои гуногуни ташаккули малакаҳои кор бо матн, хониши бошуурона ва дарки маъно дар хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот:** Мақсади таҳқиқот ва фарзияи пешниҳодгардида зарурати иҷрои вазифаҳои зеринро ба миён гузоштанд:

1. Омӯзишу таҳлили асосҳои илмӣ, педагогиву психологӣ, методӣ ва таҳқиққоти олимон роҷеъ ба масоили хониши бошуурона, дарки маъно ва кор бо матн дар зинаи аввали таҳсилот;
2. Коркард ва пешниҳоди тавсияву методҳои муосири қироати бошуурона ва дарки маъно бо дарназардошти талаботи замон ва ҳадафҳои таҳсилоти муосир, ки ба инкишофи нутқи хонандагон мусоидат кунанд ва дар толибилмон малакаҳои амалии кор бо матн ва салоҳияти хониши бошуурона ва дарки маънои матнро ташаккул диҳанд;

3. Омӯхтани масъалаҳои равонӣ ва дидактикӣ бо мақсади коркарди асосҳои илмии ташаккули малакаҳои кор бо матн ҳамчун омили асосии инкишофи нутқ дар ҷараёни қироати бошууронаи матн бо дарназардошти талаботи таълими ҳамгиройи хонишу забони тоҷикӣ.

4. Ошкор намудани махсусиятҳои таълими ҳамгиро ва беҳтару хубтар инкишоф додани нутқи шифоҳии хонандагон ва дарки маънии матни мутолиашуда бо нишондоди сарчашмаҳо дар асоси таърихи методикаи забон ва адабиёти тоҷик.

5. Дарёфти методикаи корбарӣ бо матнҳои шиносу ношинос ва муайян кардани методикаи дастрас барои фаҳмиш ва дарк намудани мазмун аз тарафи хонандагон, омӯхтани омилҳо ва ҳолатҳои ташаккули салоҳияту малакаҳои кор бо матн, дарки маънои матн ва инкишофи нутқи шифоҳии хонандагон.

**Объекти таҳқиқот:** раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ, фаъолияти омӯзгорон ва хонандагони синфҳои ибтидоии муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва литсею гимназияҳо, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии ин зинаи таҳсилот.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** ҷанбаҳои педагогии ҷараёни омӯзиши малакаҳои кор бо матн, дарки маъно ва хониши бошууронаи матн дар хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва литсею гимназияҳо.

**Фарзияи таҳқиқот:** ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маънои матн ва хониши бошуурона дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди дарсҳои забони модарӣ ба таври самаранок ба роҳ монда хоҳад шуд, агар:

1. Асосҳои назариявӣ-амалӣ ва технологияи таълим ҳангоми қироати матн ва дарки маънои он дар дарсҳои забони тоҷикӣ коркард карда шаванд.

2. Моҳияти сохтори дарсҳои ҳамгиро дар ҳамбастагӣ бо хониш ва грамматикаи забони тоҷикӣ асоснок карда шаванд.

3. Маҷмӯи қисматҳои асосии омӯзиши матнҳо барои хониш тариқи ҳамгиро бо грамматикаи забони тоҷикӣ вобаста ба дарки маънои матн ва хониши бошуурона коркард карда шаванд.

4. Маводи дидактикӣ ба монанди саволнома, машқу супоришҳо ва ғ. аз забони тоҷикӣ барои омӯзгорону хонандагон тибқи талаботи замон ва бо дарназардошти истифодаи технологияи иттилоотӣ-инноватсионӣ дар таълим таҳия гардида, аз ҷониби омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ васеъ истифода шаванд.

5. Дастур ва тавсияҳои методӣ оид ба роҳу усулҳои ташаккули малакаҳои кор бо матн, фаҳмидани мазмуни матнҳои хондашуда ва кор бо машқу супоришҳои дар китобҳои дарсӣ додашуда таҳия ва дастраси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ гардонида шаванд.

6. Усули таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ ҳамчун фанни бунёдӣ мувофиқ ба талабот ва бо дарназардошти рушди босуръати илм, техникаву технология ва иттилоотӣ гардидани аксари муносибатҳо дар ҷомеа самаранок коркард ва мақсаднок истифода бурда шавад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот:** таҳқиқот дар се марҳила сурат гирифт:

**Дар марҳилаи якум (2017-2018)** маводи зарурии илмӣ, педагогӣ ва пихологӣ барои таҳқиқот ҷамъоварӣ шуда, зимни он масъалаҳои назариявию методологӣ, махсусиятҳои мазмуни таҳсилоти забони тоҷикӣ, мафҳум ва моҳияти мазмуни таҳсилот ва меъёрҳои он баррасӣ гардид, нақша ва барномаи таълими синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ва мавқеи мавзӯи кор бо матн ва хониши бошшурона дар онҳо таҳлил карда шуданд.

**Дар марҳилаи дуюм (2018-2019)** самарабахшии усулу воситаҳои ташаккули малакаҳои кор бо матн ва хониши бошшурона дар хонандагони хурсол муайян ва равшан карда шуда, роҳҳои татбиқи онҳо дар ҷараёни таълим дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод ва фарзияи кории таҳқиқот тасдиқ, мазмун ва методҳои кор бо омӯзгорон дар давраи амалияи педагогӣ муайян карда шуданд.

**Дар марҳилаи сеюм (2020-2021)** таҳқиқот ва озмоишҳо роҷеъ ба ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маънои матн ва хониши бошуурона дар хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкилу баргузор ва таҳлилу ҷамъбаст гардида, натиҷаҳо коркард, хулосаву тавсия ва пешниҳодҳо доир ба такмили мазмуни таҳсилот ва ташаккули салоҳияту малакаҳои хонандагони хурдсол вобаста ба мавзӯъ манзур карда шуданд.

**Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқотро** мафҳумҳои асосии дарки назарияи диалектикӣ-материалистӣ ва талаботи аз онҳо бавуҷудоянда, назарияи маҷмӯи маълумот ва таълимот дар бораи моҳияти забон, мавқеи забон дар ҷомеа ва хусусиятҳои мавҷудаи он, таълимот дар бораи нутқ ва тафаккур, асосҳои педагогиву психологӣ ва фалсафии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкорӣ, коммуникативӣ, тафаккури мантиқӣ ва рушди шахс, мероси педагогии олимони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ, ҳуҷҷатҳои расмии соҳаи маориф, ки моҳияти ҷараёни таълим дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, тавассути ташаккули салоҳият ва малакаҳои кор бо матн ва хониши бошууронаро дар хонандагони хурдсол равшан мекунанд, инчунин, консепсияву стратегия ва барномаҳои рушди маориф ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаи маълумот:** Осори илмии олимони ватаниву хориҷӣ, методистону педагогҳо ва психологҳо оид ба роҳу равиш ва воситаҳои ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маъно ва хониши бошууронаи матн дар хонандагони хурдсол; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стандарти давлатии таълими Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаву барномаҳои таълими синфҳои ибтидоӣ, санадҳои барномавӣ-методӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами муаллимони навовари муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ оид ба ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ-иттилоотӣ ва малакаҳои кор бо матн дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

**Заминаҳои эмперикӣ:** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро муносибати амалии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо объекти таҳқиқшаванда: омӯзиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзӯъ, омӯзиши адабиёти умумӣ-дидактикӣ ва назариявӣ оид ба педагогика, психология ва методикаи

таълим; омӯхтан ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ; ба мушоҳида гирифтани раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ; ҳамчунин, тавассути истифода аз методҳои эмпирикӣ - суҳбат ва саволномаҳо бо муаллимону мактаббачагон, ташкил ва гузаронидани озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда; таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада ва таҳлилу арзёбии муқоисавии натиҷаҳои онҳо, мушоҳидаи педагогӣ, мусоҳибаҳо, усулҳои хударзёбӣ ва арзёбиҳои ташхисӣ, дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои микдорӣ ва дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди оқилонаи онҳо ба вуҷуд омадаанд, ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот:** Таҳқиқот мазкур дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 7, 11, 15, 3, 10, 4 ва 6-и шаҳри Бохтар, №18-и ноҳияи Кӯшониён, №1-и ноҳияи Вахш, №10-и ноҳияи Ҷ.Балхӣ ва филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Бохтар ва ғ. гузаронида шуд. Дар ҷараёни пажӯҳиш 70 нафар омӯзгорон ва 480 нафар хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии зикршуда фаро гирифта шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқотро** нуктаҳои зерин ташкил медиҳанд:

- асосҳои методологии омӯзиши проблемаи ташаккули малакаҳои кор бо матн ва хониши бошуурона муайян карда шуда, хусусиятҳои кор бо матн, фаҳмидани маънои матн ва хониши бошуурона омӯхта шуда, мафҳуми онҳо аз ҷиҳати назарӣ то андозае аниқ карда шуд;
- роҳу усулҳои ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маънои матн ва хониши бошуурона дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ мутобиқ ба талаботи таҳсилоти муосир коркард карда шуданд;
- муайян карда шуд, ки салоҳияти кор бо матн, дарки маънои он ва хониши бошуурона на танҳо хоси фанни забони тоҷикӣ аст, балки салоҳияти аз ҳама асосии барои тамоми фанҳои дигар зарурӣ мебошад;
- омилҳои асосии дарки маънӣ, ки бархе аз хонандагон аз уҳдааш намебаромаданд, ба қадри имкон асоснок карда шуданд;
- ҷиҳати воридсозии тағйирот ва иловаҳо ба барнома ва методикаи таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ нахустин бор роҳу усулҳои беҳтару хубтари кор бо матн, дарки маънӣ ва хониши бошууронаи матн коркард ва пешниҳод карда шуд.

**Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод мешаванд:**

- хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ роҷеъ ба роҳу усулҳои гуногуни кор бо матн, хониши бошууронаву дарки маъно ва инкишофи нутқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ;
- таҳлилу арзёбии таҳқиқоти муосир оид ба ташаккули малакаҳои кор бо матн, хониши бошуурона ва дарки маънои матн, арзёбии марҳилаҳои гуногуни шиносонидани хонандагон бо матн ва шаклу усулҳои гуногуни кор бо матн;
- баррасии асосҳои педагогиву психологии раванди кор бо матн, хониши бошуурона ва дарки маънои матн, нақш ва аҳамияти истифодаи усулҳои

анъанавӣ, фаъол ва интерактивии таълим дар ташаккули малакаҳои кор бо матн, хониши бошуурона ва дарки маънои матн;

- натиҷаи чорабиниҳои таҷрибавӣ-озмоишии дар муассисаҳои ибтидоии таҳсилоти миёнаи умумӣ баргузоршуда, ки самаранокии равишҳои пешниҳодшударо нишон медиҳанд ва хулосаву пешниҳодҳо дар ин мавврид;

- асосноккунии илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мувофиқати онҳо ба асосҳои ибтидоии назариявӣ ва методологӣ, истифодаи комплексии методҳои назариявӣ ва эмпирикии мувофиқ ба объект, мавзуъ, мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот, робитаи мутақобилаи нуктаҳои назариявӣ бо амалияи воқеӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- таҳқиқотҳои олимон оид ба ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маънои матн ва хониши бошуурона дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шуданд;

- проблема ва асосҳои назариявию амалии ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маънои матн ва хониши бошуурона дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ муайян ва коркард карда шуданд;

- самаранокии моделҳои пешниҳодшуда оид ба ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маънои матн ва хониши бошуурона дар хонандагони хонандагони хурдсол дар дарсҳои забони тоҷикӣ собит шуданд;

- вазъи коркарди методии масоили вобаста ба ташаккули малакаҳои кор бо матн ва хониши бошуурона дар синфҳои ибтидоӣ ва заминаҳои психологии раванди мазкур муайян карда шуданд;

- дарки предмет, мазмун ва моҳияти тафаккур, аҳамияти воситаҳои фразеологӣ ва тасвир дар ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маънофаҳмӣ, роҳу усулҳои истифодаи усули анъанавӣ ва интерактивӣ дар таълим ва аҳамияти он дар ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маъно ва хониши бошууронаи матн баррасӣ карда шуданд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки:

- амсилаи муассиру дар асоси озмоиш санҷидашударо пешниҳод менамояд, ки ба рушди маҳорату малакаҳои кор бо матн ва дарки маънифаҳмии хонандагон мусоидат менамояд;

- натиҷаи амалии таҳқиқот ва тавсияҳои методие, ки таҳия ва ироа шуданд, имконият медиҳанд, ки талаботи барнома нисбати кор бо матн, дарки маънӣ ва хониши бошуурона дар китобҳои дарсӣ таҷдиди назар шаванд;

- роҳу усулҳо ва технологияи коркарду санҷидашудаи пешниҳодгардида метавонанд дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоии муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд;

- тавсияҳои методии таҳияшуда такмили раванди таълими забони тоҷикиро дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ дар самти ташаккули малакаҳои кор бо матн ва хониши бошуурона таъмин хоҳанд кард;

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳо ва сифати дониши хонандагони хурдсол истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълими синфҳои ибтидоӣ қарор гиранд;

- тавсияҳои методӣ метавонанд амалан дар раванди омодасозии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии равияи омӯзгорӣ, дар курсҳои такмили ихтисос ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорони зинаи аввали таҳсилот ва таҳияи диссертатсия, корҳои курсӣ, дипломӣ ва рефеативӣ истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Муқарраროти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи методикаи таълим, педагогика ва психология, кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот анҷом ёфтаанд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад: *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия , таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо; вижагиҳои таълим дар сатҳҳои мухталифи таҳсилот), *банди 7* – «Педагогикаи амалӣ» (фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омезиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада; дар истифодаи маҷмӯи усулҳо вобаста ба мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ, тасдиқи амалии муқарраროти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ таҷассум меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихстисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ш. Бохтар, ҷаласаҳои кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими филиали мазкур ва дар иттищодияҳои методии муаллимони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шуданд.

Муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ дар семинару конференсияҳо, машғулияту мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишиву курсҳои сайёр, ки солҳои 2017-2021 дар филиали Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар минтақаи Бохтар, семинарҳои омӯзишӣ оид ба муносибати босалоҳият ба таълим барои муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтари вилояти Хатлон баргузор гардиданд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фушурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалии дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он баргузоршуда ироа шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, ба теъдоди 19 мақолаҳои илмӣ ва дастурҳои методӣ: 6 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ва 11 номгӯй дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, тавсияҳои методӣ ва феҳристи адабиёт иборат буда, 189 саҳифаи чопи компютериро ташкил мекунад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** муҳим будани таҳқиқи мавзӯъ асоснок гардида, мақсад ва объекти таҳқиқот муайян карда шудааст. Фарзия ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот коркард шуда, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот ошкор ва тавсифномаи марҳилаҳои асосии таҳқиқот пешниҳод гардидааст. Навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок шудааст.

**Дар боби аввал, ки “Ташаккули малакаҳои кор бо матн дар дарсҳои забони модарӣ ҳамчун як ҷузъи таркибии салоҳияти хониши хонандагони хурдсол”** унвон шудааст, ҷанбаҳои дидактикӣ ва замнаҳои психологӣ-педагогии ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маъно ва хониши бошуурона дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, марҳилаҳои шиносонидани хонандагон бо матн, омилҳои асосии ташаккули фикр, малакаҳои кор бо матн, дарки маъно ва хониши бошуурона, мафҳуми дарк, мазмун ва моҳияти тафаккур, аҳамияти истифодаи воситаҳои фразеологӣ ва тасвир дар ташаккули малакаҳои дарки маъно мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Аз ҷумла, **дар қисмати якуми боби мавриди назар** қайд карда шудааст, ки масоили таҳсилот дар зинаи аввал диққати олимон, методистон ва педагогҳоро ҳанӯз аз асри XIX ва XX ба худ ҷалб кардааast, зеро комёбиву самаранокии таълим дар зинаи дуюму сеюми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳз ба синфҳои ибтидоӣ сахт алоқамандаст. Бо таваҷҷӯҳ ба ин онҳо диққати асосиро махсусан ба синфҳои ибтидоӣ равона мекарданд.

Аз ҷумла, Д.И. Тихомиров дар китоби худ «Дар дарсҳои забони русӣ чиро ва чӣ тавр омӯхт» андешаи тавзеҳи калимаҳои ҷудогонаро сахт танқид карда таъкид намудааст. Ӯ на танҳо муқобили шарҳи зиёди калимаҳои ҷудогона баромадааст, инчунин саволҳои аз ҳад зиёди бемавридро низ дар ҷараёни дарс тарафдорӣ накардааст.

Тарафдорони мактаби Ушинский аз ҷиҳати илмӣ исбот карданд, ки ақидаҳои ин гурӯҳи методистон сирф ғалат аст. Зеро ки шарҳи баъзе калимаҳо дар матне, ки хонда мешавад, бевосита зарурат доранд ва инкори онҳо нодуруст мебошад.

Дар ин миён як гурӯҳ методистон хонишеро тавсия кардаанд, ки дар он ҷои асосиро шарҳи калимаҳо ишғол мекард. Қисми зиёди вақт бояд барои тавзеҳи калимаҳои ҷудогона сарф шавад.

Табиист, ки ин идея ғалати маҳз аст: аз як тараф дараҷаи фаҳмиш ва қобилияти шогирдони хурдсол ба назар гирифта намешуд, аз тарафи дигар, ба пояи хониш, ки воситаи муҳимми омӯхтани забони модарӣ мебошад, зарба зада мешуд.

Боиси хурсандист, ки ин идея реша надавонд ва тарафдорони ҳақиқии ғояҳои К.Д. Ушинский, аз ҷумла Д. И. Тихомиров, В.Н. Шереметовский, В. Стюнин, И. Балталон, Н.А. Корф, В.И. Водовозов ва дигарон пеши онро гирифтанд.

Дар натиҷа педагоги бузурги рус К.Д.Ушинский чун зиёиёни маорифпарвари тоҷик ба тарафдории хониши эзоҳӣ баромад. Мавсуф баръакси хониши механикӣ (қориазёд, азёд кардан), ки дар мактабҳои Россия ва мадрасаҳои исломӣ ҳукмрон буд, тарафдори ҷорӣ кардани хониши бошуурона (фаҳмида хондан) ва методи сӯҳбат буд.

Таҳқиқот собит мекунад, ки дар кушодани банду гиреҳи ҳодисаю воқеаҳо ва персонажҳои асар нақши сӯҳбат хеле калон аст ва дарси хонишро бе сӯҳбат тасаввур кардан номумкин аст, зеро фақат тавассути сӯҳбат метавон мазмуни асари бадеиро ба самъи хонанда расонд.

Омӯзишу таҳқиқ ва мушоҳидаҳо дар синфҳои ибтидоӣ собит менамоянд, ки муаллимон хониши матнро ба хонандагон бо роҳу усулҳои гуногун ба роҳ мемонанд, аммо хато намекунем, агар гӯем, ки аксарашон аз марҳилаҳои гуногуни шинос намудани хонандагон бо мазмуни матн истифода намебаранд.

Аз рӯи таҳқиқу мушоҳидаҳо ба хулосае омадем, ки дар дарсҳои забони модарӣ ҳангоми таълими ин ё он мавзӯи дарс, махсусан аснои қироати матн ба муаллим зарур аст, ки қабл аз қироати матн дар марҳилаи аввал бевосита суҳбати муқаддимавӣ гузаронад. Дар суҳбат набояд мазмуни матн нақл гардад, балки тавассути саволҳо фикру хаёли бачаҳо ба мавзӯъ наздик ва ҷалб карда шавад.

Хулоса, ҳангоми кор бо ҳар гуна матне, ки дар синфҳои 1-1У таълим дода мешавад, муаллим муаззаф аст, ки ҷанбаҳои дидактикӣ ва асосҳои психологӣ-педагогии ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маъно ва хониши бошуурона дар хонандагонро ба инобат гирад ва шогирдонро бо марҳилаҳои асосии кор бо матн ҳатман шинос намояд, зеро ба хонандагони хурдсол ҷиҳати фаҳмидани маънои матн бевосита кумак мерасонанд.

**Дар қисмати дуюми боби якум, ки “Заминаҳои психологӣ-педагогии ташаккули малакаҳои кор бо матн ва хониши бошуурона”** ном дорад, масъалаи мавриди назар дар асоси омӯзиш ва таҳлилу баррасии маводу сарчашаҳо илмии зиёд ҳаматарафа матраҳ шуда, аз ҷумла таъкд шудааст, ки дарки маъно ва ташаккули маънавиёти хонандагонро бе истифодаи асосҳои назариявии психологӣ-педагогӣ ва методӣ ба даст овардан ғайри имкон аст.

Ба ақидаи Белинский барои дарк кардани маъно аввал оиди он матн фикр кардан ва сонияи онро /агар зарур бошад/ такроран хондан лозим меояд. Ӯ боз таъкид мекунад, ки асари бадеиро аввал ба дил ва баъд ба сар қабул бояд кард, яъне фаҳмид. Яъне пешакӣ бояд мақсад гузошт ва хонандаро бояд қаблан омода кард.

Таълими забони модарӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар аксар ҳолатҳо дар хонандагон таассуроти амиқи маънифаҳмӣ гузошта наметавонад. Чунки бархе аз муаллимон ба хонандагон тасвирҳои бадеӣ ё худ образҳои бадеии асарро /матнро/ дуруст ва саҳеҳ кушода дода наметавонанд.

Бошуурона аз худ намудани маводи грамматикӣ аҳамияти калони таълимӣ дорад: агар бачаҳо қоидаро аз ёд кунанд, онро дар амал татбиқ карда наметавонанд. «Аз ёд кардани грамматика,- таъкид карда буд К.Д. Ушинский, ҳамчун аз ёд кардани мантиқ ё арифметика бемаънигист».

Оре, алифбо ё худ забони модарӣ бо роҳи таҳлил ва таркиби /аналитикӣ-синтетикӣ/ овозӣ таълим дода мешавад. Асосгузори ин метод олимони Аврупои ғарбӣ Грезор, Дистервег, Фогель ва дар Россия олими барҷаста К.Д. Ушинский мебошанд.

Чунон ки маълум аст, дар мактабҳои Шӯравии собиқ, аз ҷумла Тоҷикистон дар ибтидо таълими забони модарӣ асосан бо усули қоидаазёдкунӣ ё ба тарзи дигар гӯем, аввал қоида ёд дода мешуд ва хонанда онро қориазёд мекард, сипас ба таҳлили калимаю ҷумла оғоз менамуданд. Аммо ин усули таълим оҳиста-оҳиста барҳам хӯрда, дар солҳои 80-ум асосан ба ташаббуси олими барҷаста М. Лутфулоев усули таълими таҳлил ва таркиб ҷорӣ гардид, ки натиҷаи хуб дода истодааст. Хусусан дар таълими савод ин усул самараи хуб дод.

Бошуурона аз худ намудани маводи таълим асоси мустаҳкамии дониш мебошад, аз ин рӯ, онҳо бо ҳам алоқаманданд ва ҳамдигарро пурра мекунанд. Ва метавон гуфт, ки пояи асосии дарки маъно бевосита хониши бошуурона ба шумор меравад.

Яке аз хусусиятҳои асосии таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ин аст, ки матнҳои таълимии хониш ҳаҷман ва мазмунан ба синну соли хонандагон мусоидат кунанд, дар акси ҳол дар таълим ҳеҷ гуна муваффақият натавон ёфт.

Ҳамин тавр, дар таълими фанни забони модарӣ аҳамияти илмҳои психология ва дидактика бағоят калон аст. Зеро бе ба назар гирифтани хусусиятҳои психологӣ ва бо истифодабарии маводҳои дидактикӣ таълими дурусти фанни забони модарӣ ва ноил гардидан ба дарки маъно ба хонанда амри маҳол аст.

Дарки маъно ҳеҷ гоҳ бе фаъолонидани фикр ва гузоштани заминаҳои психологӣ-педагогӣ ба хонандагон муяссар намешавад.

Ба ҳамин тариқ, заминаҳои психологии дарки маъноро метавон ба чунин қисматҳо ҷудо кард:

а) барои дарки маъно қабл аз хониши матн хонандаро огоҳ ва омода сохтан;

б) муваффақияти кӯдакро дастгирӣ ва камбудиашро таъкид кардан.

Ба назари мо, хуб мешуд, ки баъд аз шарҳу эзоҳи калимаҳои номафҳум бо истифодаи он калимаҳо ба тарзи шифоҳӣ ҳамзамон тартиб додани ҷумларо низ тавсия медоданд, то маънои калимаҳо дар хотири бачаҳо дурусттар нақш бандад ва ин усул баҳри шарҳу эзоҳи калимаҳои зарурӣ самараноктар мегардид.

Аз андешаҳои боло хулосае бармеояд, агар ин нишондодро оиди рушди тафаккур ҳаддалимкон дар шуури хонандагон тарбия накунем, маънифаҳмии хонандагон ва ҳамзамон азхудкунии мафҳумҳои грамматикиро аз ҷониби хонандагон таъмин кардан душвор аст. Яъне дараҷаи рушди ақлии хонандагон ба инкишофи завқи маърифатии онҳо сахт марбут аст.

**Дар қисати сеюми боби якум** омилҳои асосии ташаккули фикр, малакаҳои дарки маъно ва хониши бошуурона дар хонандагони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ аз нигоҳи олимон ва методистони варзида бозгӯ шудааст.

Тавре ки маълум аст, фаҳмидани маънои матни мутолиашуда аз тарафи хонанда бисёр муҳим мебошад, зеро ки дарки матни хондашуда маҳсули асосии фаъолияти хонандаро возеҳ гардонида, ҳамзамон мутолиакунанда маҳсули заҳмати хешро зуд мефаҳмад. Барои амалӣ гаштани ин андешаҳо муҳаққиқон таъкид кардаанд, ки дар маркази диққати муаллим бояд ҳамин масъала қарор гирад. Ба ақидаи омӯзгорони соҳибтаҷриба мазмуни матн дар сурате фаҳмида мешавад, ки хонанда қобилияти фаҳмиши маъно ва таркиби луғавии бой дошта бошад ва иловатан қабл аз қироати матн калимаҳои душворфаҳм аз ҷониби омӯзгор шарҳу эзоҳ дода шавад.

Олим-забоншиноси машҳури тоҷик М. Шакурӣ қайд кардааст, ки пеш аз сар кардани хониш талабагонро ба мавзӯи асар ошно кардан, онҳоро ба хондани асар тайёр намудан, яъне пеш аз хондани, масалан, шеър дар талабагон он кайфият ва ҳиссиётеро, ки дар шеър хукмрон аст, ҳосил кунонидан даркор аст.

Олим ва методисти шинохта М.Лутфуллозода дар китоби «Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ» дар боби «Сифатҳои хониш ва такмил додани онҳо» қайд кардааст, ки сифатҳои хониш ба сурати маҷмӯъ иборатанд аз дурустии хониш, равонии хониш, ифоданокии хониш ва хониши бошуурона, на фақат ном бурдан ва тавзеҳ додани ин сифатҳо дорои аҳамияти босазост, балки ҷобаҷогузорӣ, яъне тартиби овардани онҳо низ муҳим мебошад.

Аз ин чор сифати хониш, ки дар боло зикр ёфт, албатта, дурустии хониш дар ҷойи аввал меистад ва ин ақидаро М.Лутфуллоев низ таъкид кардааст.

Маълум аст, ки масъалаҳои вобаста ба ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маъно ва хониши бошууронаро бе алоқамандӣ ба фанҳои дигар дуруст ҳал кардан ғайриимкон мебошад. Дар ҳалли ин масъалаҳо психологияи таълим, дидактика ва педагогика кумак карда метавонанд.

Ушинский ба хониши синфии мактаббачагони хурдсол диққати махсус дода, пеш аз ҳама, тарафдори хониши бошуурона, хонише, ки шогирдонро ба ҳарҷониба фикр кардан водор созад, буд. Ӯ ин гуна хонишро хониши эзоҳӣ номида, аҳамияти таълимӣ-тарбиявии омӯхтани онро борҳо таъкид низ кардааст.

Яке аз методистон ва давомдиҳандагони кори К.Д.Ушинский Н.Ф.Бунаков чунин мешуморад, ки дар хониши эзоҳӣ ҷои муҳимро хониш, саволу ҷавоб ва ҳисобот аз чизи хондашуда ишғол мекунад.

Педагоги шинохтаи тоҷик, академик Ф.Шарифов таъкид кардааст, ки омӯзиш ва ташаккули малакаҳои кор бо матн ва хониши бошуурона дар ҷараёни дарсҳои забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ аз муҳимтарин масоил маҳсуб мешавад.

Мероси педагогии К.Д. Ушинскийро асосан масъалаи тарбияи бошуурона хондан, равишу усулҳои хониши ифоданок ва муҳокимаи асари хондашуда ташкил медиҳад.

Таҷрибаҳои гузаронидашуда дар синфҳои ибтидоӣ нишон медиҳанд, ки қироати зиёди матн фаъолияти фикрро метезонад. Барои фаъолонидани фикр дар дарсҳои забони модарӣ усулҳои мухталифи саволу ҷавобро метавон истифода кард.

Гузаронидани машқҳои мухталифи лексикӣ-грамматикӣ, таҳлили таркибҳои овозӣ ва истифодаи методҳои гуногуни дарс дониш, салоҳияти (дониш, маҳорат ва малакаҳо)-и хонандагони синфҳои поёниро, бешубҳа, таъмин мекунанд ва муҳаббати бачаҳоро нисбат ба забони модарии хеш бедор менамоянд. Корҳои эҷодӣ ва мустақилона низ метавонанд фикри бачаҳоро инкишоф диҳанд ва ба дарки маънифаҳмии онҳо мусоидат намоянд.

Фикр карда ва фаҳмидаю санҷида сухан гуфтан ҳам бояд яке аз талаботи дарсхои забони модарӣ бошад. Дар ин бора Ф.Шарифов дуруст қайд кардааст, ки фаҳмидаю санҷида сухан гуфтан ва донистани маъноҳои гуногуни лексикии калимаро аз синфҳои ибтидоӣ оғоз карда, муаллим панди «Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан, чу зар санҷида, он гоҳ харҷ кардан»-ро сарахбори кору мақсади худ қарор медиҳад.

**Қисмати чоруми боби якум** ба масъалаҳои мафҳуми дарк, мазмун ва моҳияти тафаккур, аҳамияти истифодаи воситаҳои фразеологӣ ва тасвир дар ташаккули малакаҳои кор бо матн, хониши бошуурона ва дарки маъно бахшида шудааст. Қайд карда шудааст, ки дарк мафҳумест, ки дар илми забоншиносӣ дарёфтани маънӣ, сарфаҳм рафтан, фаҳмиданро ифода менамояд. Аз ин хотир, ин мафҳум дар таҳқиқоти мо барои кушодани гиреҳи асосии мафҳуми ин ё он матн нақши муҳимро адо мекунад.

Бача дар хондани ин ё он мавзӯъ дар ибтидо чизе намедонад, аммо вақте ки бори аввал муаллим ба шарҳу эзоҳи он шурӯъ менамояд, вай дарк кардан мегирад ва ҳамин тавр тадриҷан фаъолияти маърифатӣ сар мешавад.

Дарк дар пешравии маърифатҷӯии хонандагон ва махсусан фаҳмидани мазмуни матни хонда аҳамияти калонро молик аст. Ба тарзи дигар дарки маънои матни хонда ва маърифатҷӯии хонандагони хурдсолро бе истифодаи роҳ, тарз, усул ва воситаҳои гуногун таъмин кардан ғайриимкон аст.

Дар ҷараён тарбия кӯдак батадриҷ амалҳои ҷудогона ва нутқро азхуд мекунад, аввал мустақилона ҳал кардани масъалаҳои оддӣ, сипас нисбатн мураккабтарро меомӯзад, ҳамчунин талаботи калонсолонро мефаҳмад ва оҳиста-оҳиста мутобиқ ба онҳо амал мекунад.

Тафаккури бачагони синни томактабӣ дар шакли амалҳои ба ҳалли масъалаҳои мушаххас нигаронидашуда рух медиҳад: ягон ашёи ба назар намоёнро овардан, пиёларо гирифта ба нафари дархосткарда дароз кардан, дарро кушодан ё пӯшидан, чизи пинҳонкардашударо ёфтан, бозичаро овардан ва ғ. Ин амалҳоро иҷро карда кӯдак фикр мекунад, вай амал карда андеша мекунад. Тафаккури вай аёнӣ-фаъолиятӣ аст.

Як пайдарҳамии муайяне дар рушди навъҳои гуногуни тафаккур дар хурдсолӣ мавҷуд аст. Аввал рушди тафаккури аёнӣ-фаъолиятӣ ба вуқуъ пайваста, баъдан, тафаккури аёнӣ-тасвирӣ ва ахиран, тафаккури баёнӣ ташаккул меёбад.

Равоншиносони ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ (Л.С. Выготский, А.Н. Леонтьев, О.И. Никифорова, Р. Арнхейм) ба он аҳамияти махсус додаанд, ки дарк ин аксбардории оддӣ  ва қабули оддии иттилоот набуда, он амали фаъолест, ки дар он ҳавасмандии мусбат, талабот, ангеза ва шавқу завқ нақши бузург доранд.

Шарти аввалини дарки муътамади матн фаҳмидани маънои ҳар як калимаи таркиби он аст. Дар синни хурди мактабӣ калима-калима ба хотир гирифтан монеа (тормоз) барои рушди маҳорати бо суханони худ нақл кардан мешавад ва оқибат барои дарки маънои матни хондашуда монеа эҷод мекунад.

Чунон ки маълум аст, ҳар як фаъолияти мантиқии инсон бе қобилияти фикрӣ, муҳокимаронӣ, муқоисакунӣ, ҷудокунӣ ва хулосабарорӣ ғайри имкон аст.

Тафаккур - ин дараҷаи баланди маърифати ҳақиқӣ аз тарафи инсон аст. Тафаккури хонанда қабл аз ҳама дар равиши фаъолияти таълимӣ ташаккул меёбад, ки ин бесабаб нест. Ба ин хотир дар ҳар як дарс бояд метод ва усули таълим ба ташаккули фаъолияти фикрии хонандагон равона карда шавад.

Мафҳум, маънӣ, зеҳн, тасаввур, хушфаҳмӣ, хушзеҳнӣ, фаросат, фаҳм ва ғайра воҳидҳое мебошанд, ки ба хонанда дар дарк кардани чизҳои дида, шунида, хондашуда ёрӣ мерасонанд. Ба тарзи дигар ин мафҳумҳо ба ташаккули малакаҳои кор бо матн, хониши бошуурона ва тафаккури хонандагон асос гузошта, барои фарқ кардани аломат, хусусият ва муқоисаи ашёҳо кумак мекунанд.

Ба ақидаи мо, зеҳн дар таълиму тарбия, инкишофи нутқ, дар ташаккули малакаҳои кор бо матн ва хониши бошуурона, махсусан дар маънифаҳмии мактаббачагони хурдсол ҳамчун таҳкурсӣ хизмат мекунад ва тавассути он аз матнҳо дурри маънӣ чида мешавад. Ҷоиз аст, ки барои ташаккули дарки маъно дар шогирдон муаллим қабл аз ҳама бояд зеҳни онҳоро омӯзад ва рушд диҳад ва он гоҳ аз шогирдон дарки маънои матнро талаб намояд.

Маҳз муайян намудани масъалаи чӣ тавр ва дар кадом мавриду бо кадом мақсад истифода шудани калимаву ибораҳо имкон медиҳад, ки хонандагон вазифаҳои эстетикии онҳоро бошуурона дарк намоянд.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки шарҳу тавзеҳи ифодаҳои фразеологӣ дар синфҳои ибтидоӣ кори бисёр заҳматталаб буда, на ҳама омӯзгор ба шарҳу эзоҳи онҳо даст мезанад. Аз сӯҳбат бо муаллимон ошкор гашт, ки аксар муаллимони синфҳои ибтидоӣ ғайриихтисос буда, дар бораи ифодаҳои фразеологӣ тасаввуре надоранд, нафарони дигар тасаввур дошта бошанд ҳам, услуби таҳлили онҳоро намедонанд, ҳол он ки таҳлили дурусту ҳаматарафаи он идроки ҳамаҷонибаи образу мазмуни асар, кушодани ғояи асарро таъмин мекунад.

Барои нишон додани бадеияти баланду таъсирбахши ибораҳои фразеологӣ истифодаи усули муқоисакунӣ матлуб аст. Муаллим зимни иваз кардани калимаҳои маънои маҷозӣ дошта бо ибораҳо ба маънои аслӣ, онҳоро дар муқоиса нишон дода, талабагонро ба истифодаи чунин воситаҳои забонӣ, ки дар таъсирбахшии сухан муҳиманд, ҳидоят мекунад.

Дар такомули забондонӣ ва ташаккули малакаҳои кор бо матн, хониши бошуурона ва ба осонӣ дарк намудани мазмуни матн аз ҷониби хонандагони хурдсол дар дарсҳои забони модарӣ истифодаи маводи дидактикӣ нақши муҳимро мебозад.

Аз ин гуфтаҳо хулосае бармеояд, ки агар нишондодҳои болоро оиди рушди ақливу зеҳнӣ ҳаддалимкон дар шуури хонандагон ҷо надиҳем, ё худ тарбия накунем, маънифаҳмии хонандагонро таъмин кардан хеле душвор аст. Яъне, дараҷаи рушди ақлониву зеҳнии хонандагони хурдсол ба рушди завқи маърифатии онҳо сахт марбут аст.

**Дар боби дуюм - “Шароитҳои педагогии ташаккули малакаҳои дарки маъно ва хониши бошуурона дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва таҳқиқоти озмоишии онҳо”** - роҳу усулҳои ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, нақши усулҳои анъанавӣ ва интерактивии таълим дар ташаккули ин малакаҳо, масоили таълими ҳамгиро ҳамчун омили асосии ташаккули малакаҳои дарки маъно ва хониши бошуурона дар синфҳои ибтидоӣ мавриди баррасӣ қарор ёфта, ҷараёни баргузории таҳқиқоти озмоишии асосҳои назариявӣ ва шароитҳои педагогии ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маъно ва хониши бошуурона дар синфҳои ибтидоӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо шарҳу тавсиф шудаанд.

**Дар қисмати якуми боби мазкур - Талаботи асосӣ ба дарсҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ ва масъалаҳои муҳими ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагони хурдсол аз нигоҳи муҳаққиқон** - қайд карда мешавад, ки таҳлили барномаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки талабот ба ташаккули малакаҳои кор боматн ва дарки маъно дар синфҳои ибтидоӣ ҳанӯз ҳам он қадар мукаммал нестанд. Аз ин рӯ, ба такмили мазмун ва мундариҷаи барномаҳои минбаъдаи таълим, хусусан дар самти ташаккули фаъолияти маърифатӣ ва дарки маънифаҳмии хонандагон диққати ҷиддӣ мебояд дод. Акнун, ки таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ҳамгиро, яъне хониш ва забон якҷоя тадрис дода мешаванд, шояд ин масъала тадриҷан ҳалли худро меёбад.

Дар таълими хониш ё худ забони модарӣ масъалаи мавзӯъ ва интихобу ҷобаҷогузории он хеле муҳим аст. Аз ин ҷост, ки оид ба ин масъала солҳои тӯлонӣ дар байни методистон баҳсу мунозира ҷараён мегирифт. Яъне кадом

мавзӯъро бояд ҷой дод, тартиби ҷой додану омӯхтани мавзӯҳо чигуна ва чӣ қисм бояд бошанд ва ғайра.

Хушбахтона, солҳои охир ба ин фикрҳо камтар хотима дода шуд. Аз ҷониби олими шинохта, академик М. Лутфуллоев дар китобҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ, ки ба таври муштарак навишта шудаанд, мавзӯъҳои нав, ки хусусияти маърифатӣ-тарбиявӣ доранд, пешниҳод карда шуданд.

Хулоса, гуфтаҳои боло моро водор месозад, ки оид ба мавзӯи таҳқиқот баъзе масъалаҳои ҳалталаби дарки маънои матн ва хониши бошууронаро мавриди таҳқиқ қарор диҳем ва роҳҳои умдатарини ҳалли мавзӯъро аз нуқтаи назари илмӣ, педагогӣ, равоншиносӣ ва методӣ муайян созем, зеро масъалаи дарки маънӣ ё худ хониши бошуурона алҳол дар синфҳои ибтидоӣ ба таври бояду шояд ҳалли худро пурра наёфтааст.

Фаҳмида хондан яке аз талабот асосӣ ва муҳими дарси имрӯза буда, дигар корҳое, ки оид ба ҳосил кардани малакаи хониш татбиқ мегарданд, барои ба он муваффақ шудан воситае мебошанд. Оре, матн дар он ҳолат хонда фаҳмида мешавад, ки хонанда ҳамаи калимаҳои онро фаҳмад ва мазмуни асосии онро нақл карда тавонад.

Олимон Н.П.Кононыкина ва Н.А.Шербакова қайд кардаанд, ки дар самти рушди фақат ягон ҷанбаи хониши талабагон кор кардан мумкин нест, онҳоро (яъне, ҳамаи ҷанбаҳои хонишро) дар алоқаи байни ҳамдигар гирифтан лозим аст. Ҳама вақт дар хотир бояд нигоҳ дошт, ки агар хониш бошуурона набошад, тезии хониш қимате надорад, тезхонии бемаънӣ на барои хонанда ва на барои шунаванда аҳамият надорад. Дурустии хониш низ фақат як воситаи бошуурона хондани матн аст, дурустӣ ё бошуурона будани хониш асосан ифоданокии хониш мебошад.

**Дар қисмати дуюми боби дуюм – “Ташаккули малакаҳои дарки маъно ва таълими ҳамгиро - талаботи асосии барномаҳои таълим ва омили асосии ташаккули фаъолнокии маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ”** ба таври густурда баён шудааст, ки омӯзиш, таҳлил ва муқоисаи нақша ва барномаҳои таълимии фанни «Забони модарӣ»-и муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии таълимашон ба забони тоҷикии солҳои хониши 2008-2009 ва 2018-2019 собит месозад, ки давра ба давра ба масъалаи ташаккул ва рушди малакаҳои кор бо матн, дарки мазмун ва хониши бошуурона бештар аҳамият дода мешавад. Масалан, дар Нақшаи таълимии таҳсилоти умумии ибтидоии таълимашон ба забони тоҷикӣ барои соли хониши 2018-2019 ва солҳои минбаъда талаботи мушаххас гузошта шудааст: «…Дар синфҳои ибтидоӣ «Забони модарӣ» ва «Хониш» ба таври ҳамгиро таълим дода мешаванд. Дар дарси забони модарӣ малакаю маҳорати дуруст хондан, навиштан, таҳлилу фикр кардан ва хулоса баровардани хонандагон сайқал дода шуда, барои дарки амиқ, шарҳи илмию мантиқӣ, истифодаи амалии забони адабӣ ва тобишҳои услубии он, ошноӣ бо осори адабӣ, фарҳанги миллӣ ва ташаккули маданияти суханварӣ замина гузошта мешавад.».

Ба вуқуъ омадани ин гуна тағйироти мусбат дар нақшаву барномаҳои таълимии солҳои охир дар мавриди сайқал додани «малакаю маҳорати таҳлилу фикр кардан ва хулоса баровардани хонандагон, дарки амиқ ва

шарҳи илмию мантиқӣ» дар таълими забони модарӣ аз дорои аҳамият назаррас будани масъалаи ташаккули малакаҳои кор бо матн, хониши бошуурона ва дарки маънои матн дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дарак дода, дар ин ҷода дар назди таҳиягарони китобҳои дарсӣ ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ вазифаҳои мушаххас мегузорад.

Маҳз аз ҳамин хотир, қисми зиёди матнҳои бадеии китобҳои забони модарии солҳои охир нашршударо ҳикоя ва асарҳои бадеӣ ташкил медиҳанд. Чун ҳикоя ва матнҳои бадеӣ сужет ва қаҳрамонони муайян доранд, бачаҳо нақл кардани мазмуни онҳоро дӯст медоранд. Методистон Н. С. Рождественский, В. А. Кустарева таъкид кардаанд, ки масъалаи асосӣ дар хониши эзоҳии синфҳои ибтидоӣ шарҳу эзоҳи мазмуни матн, луғатомӯзӣ ва такроран нақл намудани мазмун мебошад.

Хулоса, талаботе, ки барномаи синфҳои ибтидоӣ нисбати маънифаҳмӣ гузоштааст, ба назари мо ҳанӯз номукаммаланд. Беҳтар мешуд, ки минбаъд дар барнома роҳу усулҳои кор бо матн, хониши бошуурона ва маънифаҳмӣ пурратару васеътар дақиқ нишон дода шавад, то ки он талаботи дарк кардани мазмуни матнро аз тарафи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба дараҷаи кофӣ қонеъ гардонда тавонад.

Яке аз бозёфт ва навигарӣ дар мактаби ибтидоӣ дар даҳаи охири қарни XX ба роҳ мондани таълим бо усули ҳамгиро маҳсуб меёбад, ки ин усулро академикҳо М. Лутфуллозода ва Ф. Шарифзода дар синфҳои 1-1V коркард ва пешниҳод кардаанд.

Бо ин мақсад Ф. Шарифзода соли 1995 дастури таълимиеро таҳти унвони «Таълими муштарак – асоси инкишоф ва тарбия» навишта, дастраси муаллимони синфи IV гардонид, ки он на танҳо ба таълими забони модарӣ дар синфи IV, балки таълими онро дар синфҳои 1-III низ дар бар гирифтааст.

Барои исботи фикрҳои боло мо намунаи як дарсро оид ба таълими ҳамгиро чун намуна дар диссертатсия овардаем, то аён гардад, ки муаллиф фикру ақидаҳои хешро чӣ гуна баён сохтааст ва дар натиҷа исбот кардааст, ки дарси ҳамгиро чӣ гуна бояд бошад ва он ба ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки мазмун ва хониши бошуурона чи гуна мусоидат мекунад:

Чуноне ки аз мазмуни ин дарс маълум гашт, таваҷҷӯҳи беандозаи олим нисбати таълими амиқи забони модарӣ, бой гардонидани захираи луғавии хонандагон, шарҳу эзоҳи мазмуни калимаю ибораҳо ва ниҳоят сухандонию хушсуханин хонандагон беандоза қавӣ аст. Илова ба ин, муаллиф кӯшидааст, ки дар ҳар дарси ҳамгиро ҷаҳон-ҷаҳон маъниҳои бикрро ғунҷонад. Ва ҳаминро бояд зикр кард, ки дарсҳои ҳамгирои дастури мазкур танҳо хоси синфи 1У набуда, ба дигар синфҳо низ тааллуқ доранд ва ҳамин тариқ ба роҳ мондани дарс дар асоси таълими ҳамгиро бе ягон шак ба ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маъно ва хониши бошуурона дар хонандагони хурдсол мусидат хоҳад кард.

Ҷиҳати фарққунандаи таълими муштарак ҳам дар ҳамин аст, ки хонандагон қоидаҳоро ба таври механикӣ не, балки ба тариқи саволу ҷавоби ёрирасони муаллим аз худ менамоянд. Дар як вақт онҳо муҳокимаро меомӯзанд ва натиҷаи ба даст омадаро ҷамъбаст намуда, хулоса мебароранд (методи проблемавӣ).

Омӯзиш ва таҷрибаҳои мо низ собит сохтанд, ки дар воқеъ таълими ҳамгирои дарси забони тоҷикӣ яке воситаҳои асосии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкорӣ, коммуникативӣ, тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои кор бо матн, хониши бошуурона ва фаҳмидани мазмуни матн маҳсуб меёбад.

Мо дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш кӯшиш намудем, ки бо якчанд мисоли мушаххас аз таҷрибаи амалӣ моҳияти таълим бо усули ҳамгироро дар синфҳои ибтидоӣ, бартарии онро нисбати таълими пешина ва нақши онро дар ташаккули малакаҳои кор бо матн, хониши бошуурона ва дарки маънои матн таҳлил ва ироа намоем.

**Дар қисмати сеюми боби дуюм** усулҳои анъанавӣ ва интерактивии таълим ва нақши онҳо дар ташаккули малакаҳои дарки маъно дар хонандагони хурдсол таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ шуда, аз ҷумла таъкид карда шудаст, ки таҳқиқот нишон медиҳанд, дар таълими анъанавӣ диққати асосӣ ба мундариҷаи мавзӯъ дода мешавад. Тавассути усули мазкур маълумот пурра аз тарафи муаллим ба хонанда (муаллиммарказ) ироа мегардад, дар усули интерактивии омӯзиш бошад дар маркази раванди омӯзиш хонанда буда, диққати асосӣ ба ташаккули салоҳиятҳои ӯ равона мешавад.

Албатта, ин ду усул ҳамдигарро пурра мекунанд, ба назари мо, ҳардуи усулҳои номбаршударо ҳар як омӯзгор метавонад эҷодкорона ва устокорона истифода барад ва тарзи истифодаи ин усулҳо ба омӯзгор вобастагӣ дорад.

Вобаста ба мақсадҳои умумӣ ва аниқи мавзӯъ ба хулосае омадан мумкин аст, ки омӯзгор бояд аз ҳар дуи ин усул истифода барад. Аз ин ҷиҳат ин усулҳо бояд аз тарафи муаллим тавре ба нақша гирифта шаванд, ки бештари фаъолиятҳоро хонандагон тавонанд тавассути усули интерактивӣ амалӣ гардонанд. Ин усул имконият медиҳад, ки тадриҷан дар фикрронӣ, дарки маъно, хониши бошуурона ва муносибату муошироти хонандагонд дигаргуниҳо ба амал оянд.

Бояд гуфт, ки гуногунии дараҷа ва сифати фаъолият чунин маъно надорад, ки яке аз онҳо нисбат ба дигараш ҳамавақт хубтар аст. Онҳо барои мақсадҳои гуногун хизмат мекунанд.

Таҳқиқот аз он шаҳодат медиҳад, ки истифодаи мақсадноки ин усулҳо фаъолиятнокӣ ва қобилияти хонандагонро ҷиҳати зудтару пурратар аз худ кардан дарс вусъат мебахшад.

Яке аз тарзҳои ташкили фаъолияти интерактивӣ, ки ба ташаккули малакаҳои дарки маъно ва хониши бошуурона мусоидат мекунад, муҳокимаронӣ, озодфикрию озодандешии хонандагон, гузориши проблема, ҳал ва натиҷаи он ба шумор меравад. Ин кор дар натиҷаи фаъолиятҳои зерин: проблемагузорӣ, ҷустуҷӯи амалӣ ва таҳқиқот амалӣ мегардад.Дар ҳалли проблема талаба шахси ғайрифаъол ва мушоҳидачӣ набуда, таҳқиқотчӣ аст. Ӯ маҷмӯи донишҳоро дар шакли тайёр намегирад, балки бо мақсади ба даст даровардани он худ фаъолона кӯшиш менамояд. Дар ин ҷода иҷрои кори гурӯҳӣ ниҳоят самарабахш аст.

Хуллас, маҳз дар усули гурӯҳбандӣ ба хонандагон имконият муҳайё мегардад, ки чизи омӯхтаашонро дар амал татбиқ намоянд ва хулоса бароранд.

Таҷриба ва озмоишҳо собит сохтанд, ки ба ин тариқа тибқи талаботи муносибати босалоҳият ба дарс мақсадгузорӣ намудан, ба нақша гирифтан ва ташкили раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ дар заминаи усулҳои фаъол ва интерактивии таълим хеле самаранок буда, дар ташаккули малакаҳои кор бо матн, тафаккури мантиқӣ, дарки мазмун ва хониши бошуурона дар хонандагони хурдсол нақши муҳиму массир мебозанд.

**Дар қисмати чоруми боби дуюм** роҷеъ ба таҳқиқоти озмоишии асосҳои назариявӣ ва шароитҳои педагогии ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки маъно ва хониши бошуурона дар синфҳои ибтидоӣ гузаронидашуда ва натиҷагириҳо аз он маълумоти муфассал ироа шудааст.

Мақсад ва моҳияти гузаронидани озмоиш дар синфҳои ибтидоӣ асосан аз наздик шинос гардидан бо муаллимон, тарзу усул ва методҳои кори онҳо, огоҳ шудан аз сатҳу сифати дониши хонандагон, муҳити таълимиву тарбиявии муассисаи таҳсилоти умумӣ, вазъи таълиму тарбия дар синфҳои ибтидоӣ ва вобаста ба натиҷаҳои бадастомада дар ин ҷода коркарди тавсияҳои методӣ ҷиҳати боз ҳам беҳтар ба роҳ монадани усулу воситаҳои самаровари ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки мазмун ва хониши бошуурона дар хонандагони хурдсол мебошад.

Таҳқиқоти озмоишӣ асосан аз рӯи беш аз сӣ мавзуъ (самт), ки дар диссертатсия оварда шудааст, мақсаднок ба роҳ монда шуданд.

Таҳқиқот ва озмоиши дар тӯли чор соли таҳсил оид ба ташаккули малакаҳои хониши бошуурона ва дарки маъно дар хонандагони хурдсол анҷомдодашударо натиҷагирӣ ва ҷамъбаст менамоем.

Давраи аввали таҳқиқот ва озмоиш соли таҳсили 2016-2017 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-и шаҳри Бохтар дар синфҳои 2 «б» (озмоишӣ) ва 2 «а» (назоратӣ) (омӯзгорон Дилбар Сафарова ва Оишамоҳ Ғиёсова ), давраи дуюм соли таҳсили 2017-2018 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи №18-и ноҳияи Кӯшониён дар синфҳои 3 «а» (озмоишӣ) ва 3 «б» (назоратӣ) (омӯзгорон Зарифа Ҳамроева , Мошариф Алимова) ва давраи сеюм соли таҳсили 2018-2019 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10-и шаҳри Бохтар дар синфҳои 4 «а» (озмоишӣ) ва 4 «б» (назоратӣ) (омӯзгорон Маҳмудова Гулчеҳра, Сафарова Мавҷуда) ташкил ва гузаронида шуд.

Тавре ки қаблан зикр гардида буд, дарки маъно ва нақли мазмуни он бо ду тарз – яке муфассал ва дигаре мухтасар амалӣ мегардад. Маълум аст, ки дар синфҳои ибтидоӣ асосан нақли муфассал истифода мегардад. Бо вуҷуди он ки тарзи нақли мухтасар асосан хоси синфҳои болоист, баъзан дар синфҳои 3-4 ин тарзи нақл ҳам истифода мегардад,.

Инак, дар ҷадвал натиҷаи озмоишҳоеро, ки дар синфҳои ибтидоии муассиаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №7-и шаҳри Бохтар ва муассисаи таълимии №18 –и ноҳияи Кӯшониён ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии озмоишӣ-такягоҳии №10 шаҳри Бохтар гузаронида будем, намуна меорем:

**Ҷадвали 1. Дараҷаи дарки мазмуни матни хондашуда дар хонандагони синфҳои 3**

| № | Синф-ҳо | Теъдо-ди | Давраҳои гузарони- | Дараҷаи олии нақли | Дараҷаи миёнаи | Дараҷаи пасти |
|---|---|---|---|---|---|---|

| | | хонан-дагон | дани озмоиш | мантиқӣ-услубии алоқа-ноки матн | нақли нисбатан беалоқаи мантиқӣ-услубии матн | нақли беалоқаи мантиқӣ-услубии мазмуни матн |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 3 «а» (озмоишӣ) | 38 | То озмоиш | 4 | 12 | 22 |
| | | | Баъди озмоиш | 10 | 18 | 10 |
| 2. | 3 «б» (назоратӣ) | 38 | То озмоиш | 3 | 14 | 21 |
| | | | Баъди озмоиш | 5 | 15 | 18 |

**Ҷадвали 2. Натиҷаи озмоиши малакаҳои дарки маънои матн дар 4 «а» ва 4 «б»-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии озмоишӣ-такягоҳии №10 шаҳри Бохтар**

| Т/р | Синфҳо | Теъдоди хонандагон | Давраҳои гузаронидани озмоиш | Нақли хонандагони дараҷаи олии мантиқӣ-услубии алоқаноки мазмуни матн дошта | Нақли хонандагонии дараҷаи миёнаи нисбатан беалоқаи мантиқӣ-услубии мазмуни матн дошта | Нақли хонандагони дараҷаи пасти мантиқӣ-услубии мазмуни матндошта |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | **4-а** Озмоишӣ | 38 | То озмоиш | 5 | 12 | 20 |
| | | | Баъди озмоиш | 9 | 14 | 15 |
| 2 | **4-б** Назоратӣ | 36 | То озмоиш | 3 | 12 | 21 |
| | | | Баъди озмоиш | 4 | 12 | 20 |

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада метавон ин се дараҷаи нақли бачаҳоро нисбати дарки маъно таҳлил кард.

Дар гурӯҳи дараҷаи олии нақли мантиқӣ-услубии алоқаноки мазмуни матн дошта хонандагоне дохиланд, ки нисбатан фаъоланд. Онҳо ҳангоми нақли маънои ҷумла ё порчаи матн ба ғалатҳои услубӣ камтар роҳ медиҳанд.

Нақли хонандагони дараҷаи миёна нисбатан беалоқа буда, аснои нақл баъзан нақли услубӣ-мантиқиро бинобар надоштани таҷриба вайрон мекунанд.

Ба гурӯҳи хонандагони дараҷаи пасти мантиқӣ-услубӣ онҳое шомиланд, ки аснои мутолиа гоҳҳо ба ғалатхонӣ роҳ медиҳанд ва задаи мантиқиро дар ҷойи зарурӣ талаффуз карда наметавонанд, захираи луғавиашон ҳанӯз нокифоя аст.

Азбаски асоси таҳқиқотро мавзӯи дарки маъно (маънифаҳмӣ) ташкил медиҳад, илова ба дарки матни хонда боз зарур донистем, ки саволҳои

тестиро низ дар иртибот ба мазмуни матн дар синфҳои ибтидоӣ омӯзгорон мавриди истифода қарор диҳанд.

Мақсади озмоиш аз он иборат буд, ки тавассути саволҳои тестӣ малакаҳои хонандагонро оид ба дарки мазмуни матни мутолиашуда ба тарзи шифоҳӣ мавриди озмоиш ва арзёбӣ қарор диҳем. Намунаи саволҳои тестӣ, ки хонандагон пешниҳод шуд, дар матни диссертатсия фароҳам оварда шудаанд.

Дар озмоиш 38 нафар аз синфи озмоишӣ ва 40 нафар хонанда аз синфи назорратӣ иштирок карданд. Синфи озмоиширо омӯзгорон ба 6 гурӯҳ ва назоратиро ба 8 гурӯҳ тақсим намуда, ба гурӯҳҳои синфи озмоишӣ 4-тогӣ ва назоратӣ 5-тогӣ савол пешниҳод карданд. Барои шиносоӣ бо саволҳои тестӣ 15 дақиқа вақт ҷудо карда шуда буд.

**Ҷадвали 3. Натиҷаи ҷавоби гурӯҳҳо ба саволҳои тестӣ**

| т/р | Синф | Теъдоди хонан-дагон | "Аъло" | "Хуб" | "Қаноатбахш" | "Ғайриқано-атбахш" |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 3 «а» озмоишӣ | 38 | 17 | 14 | 5 | 2 |
| 2 | 3 «б» назоратӣ | 40 | 7 | 8 | 15 | 8 |

Дар натиҷа маълум шуд, ки хонандагон ба аксарияти саволҳо ба тарзи шифоҳӣ дуруст ҷавоб гардониданд, ки инро метавон аз ҷадвали зерини ҷавоб ба саволномаҳо дар муқоиса дурусттар муайян кард.

**Ҷадвали 4. Дараҷаи ҷавобҳо**

| **Дараҷаи ҷавобҳо** | **3 «а» (озмоишӣ) - 38 нафар** | **3 «б» (назоратӣ) - 40 нафар** |
|---|---|---|
| Ҷавобҳои пурра ба ҳама саволҳо | 17 нафар | 7 нафар |
| Ҷавобҳои нисбатан пурра | 14 нафар | 8 нафар |
| Ҷавобҳои нопурра | 7 нафар | 23 нафар |

Омӯзиш ва озмоиш собит сохт, ки дар раванди дарки мазмун аз ҷониби хонандагони хурдсол якчанд дараҷаҳо мавҷуданд: дар раванди рушд хонандагон ба моҳияти ашё ва ҳодисаву воқеаҳо то рафт наздиктар мешаванд, дар бораи онҳо ба осонӣ хулоса мебароранд ва мафҳумҳои ҷудогонаро вобаста ба якдигар алоқаманд мекунанд.

Барои хонандагони дараҷаи аввал ҷамъбасткунии лаҳзаҳои мушаххаси аз ҳаёти шахсии хонандагон ё маводи дигар гирифташуда хос аст. Дар дараҷаи дуюми азхудкунӣ нишонаҳои алоҳидаи фаҳмиш ба назар мерасад. Доираи фаҳмиши хонандагон гоҳ танг шуда, гоҳо азҳад васеъ мешавад. Дар дараҷаи сеюм хонандагон кӯшиш менамоянд, ки мазмуни матнро бо зикри аломатҳои асосӣ баён созанд ва аз ҳаёт мисолҳо биоваранд. Дар дараҷаи чорум дарки пурраи мазмуни матн ва истифодаи он дар ҳаёт ба вуқуъ меояд. Ҳамзамон бо рушди фаҳмиш дар хонандагони дараҷаи мазкур муҳокимаронӣ ва хулосакунӣ ташаккул меёбад.

Барои хонандагони синфҳои 1-2 мулоҳизаҳои қатъӣ хос аст. Бачагон дар бораи ин ё он ашё яктарафа баҳо медиҳанд ва мулоҳизаҳои худро исбот карда наметавонанд. Дар иртибот ба афзоиши ҳаҷми дониш ва ғанишавии захираи луғавӣ дар хонандагони синфҳои 3-4 андешаву мулоҳизаҳои мубраму проблематикӣ зуҳур мекунанд. Хонандагони синфҳои 4 мулоҳизаҳояшонро на танҳо ба далелҳои мустақим, балки андешаҳои мушаххасеро аз мушоҳидаҳои хеш ба далелҳои ғайримустақим иброз менамоянд.

Азхудкунии бомуваффақонаи фаъолиятҳои маърифативу зеҳнӣ на танҳо аз азхудкунии дониш, балки аз кори махсуси омӯзгор дар ин самт вобастагӣ дорад.

## ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ ВА ТАВСИЯҲО

Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст:

1) Муайян карда шуд, ки масъалаи ташаккули малакаҳои дарки маънӣ ва хониши бошуурона дар синфҳои поёнӣ то ҳол қатъӣ ва ба таври дилхоҳ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор нагирифтааст [2-М];

2) Исбот карда шуд, ки бо мақсади мазмуни матнро пурра фаҳмидан матн ё ҷумларо на бо суръати тез, балки ором бояд қироат кард, қабл аз ба қироат шурӯъ кардан бояд дар назди хонанда мақсад гузошт ва таъкид кард, ки ӯ бояд маънои матни хондаашро азбар намояд;

3) Аз рӯи мушоҳида ва иштирок дар дарсҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ маълум гардид, ки аз тарафи баъзе аз хонандагон ба дараҷаи зарурӣ нафаҳмидани матнҳои хониш ба назар мерасад, ки бо сабабҳои муайян, ки дар матни диссертатсия мушаххас нишон дода шудаанд, рух медиҳанд [5-М];

4) Ошкор карда шуд, ки матн ва мазмуни китобҳои дарсии хониш ба сатҳи дониш ва малакаҳои дарки маънои хонандагон қисман мусоидат намекунанд;

5) Муайян карда шуд, ки бархе аз муаллимон, ки тахассуси таълим дар синфҳои ибтидоиро надоранд, усулҳои гуногуни таълимро намедонанд, аз ин рӯ, зарур аст, ки шакл ва усули таълим бояд ба куллӣ тағйир дода шавад, то ки он ба талаботи муносибати босалоҳият дар таълим мувофиқ бошад [1-М];

6) Собит шуд, ки азхудкунии дониш ва маҳорату малакаҳо ба усулҳои таълим сахт вобастагӣ дорад, яъне агар усули таълим ба талаботи муносибати босалоҳият мувофиқ бошад, хонандагон ҳамон қадар бомаърифат ва босалоҳият ба воя мерасанд [5-М];

7) Маълум шуд, ки малакаҳои хониш дар рушди ҳаматарафаи шахсияти хонандагон мавқеи муҳим доранд ва дарсҳои хониш имкониятҳоеро фароҳам меоваранд, ки бачаҳо оид ба сухан ва ҳусни баён маҳорату малакаҳои зарурӣ пайдо мекунанд ва ба ин восита онҳо дарк кардани мазмуни матни хондаашон, таҳлилу таҳқиқ ва андеша карданро ёд мегиранд [6-М].

8) Ошкор карда шуд, ки яке аз вазифаҳои муҳимтарини дарсҳои забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар хонандагон ташаккул додани малакаҳои кор бо матн, хониши бошуурона ва дарки мазмун буда, бар ин асос шогирдон малакаҳои

кор бо матни назмию насриро ёд гирифта, мустақилона мутолиа кардани ин ё он матни заруриро меомӯзанд [2-М];

9) Муайян карда шуд, ки дар барномаи таълим ба хониши бошуурона ва асосҳои ташаккули дарки маъно кам эътибор дода шудааст ва новобаста аз ин ба омӯзгорон зарур аст, ки пеш аз ҳама, ба хониши бошууронаи матн ва дарки маънои он аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд;

10) Ошкор гардид, ки солҳои тӯлонист дар синфҳои поёнӣ оид ба суръати хониш аз рӯи муқаррароти барномаи таълимӣ талаботи қатъӣ ҷорӣ карда шудааст. Дар ин сурат хонанда асосан ба суръати хониш эътибор дода, барои дарки маъно кӯшиш ба харҷ намедиҳад. Хуб мебуд, минбаъд дар синфҳои ибтидоӣ талаботи суръати хонишро камтар истифода карда, ба ивази он талаботи маънифаҳмӣ ё худ дарки маъно ҷорӣ гардад, зеро таҳқиқоти озоишӣ собит сохт, ки ин тарзи кор бештар судманд аст [6-М];

11) Муайян карда шуд, ки аксари хонандагон ҳангоми мутолиа матнро хуб мехонанд, вале бисёре аз онҳо дар бозгӯй ё нақли маънои матни хонда оҷиз мемонанд ва бо мақсади ислоҳи ин гуна вазъ ба омӯзгорон зарур аст, ки бештар аз маводи дидактикӣ ва усулҳои интерактивии таълим истифода баранд ва талаботи муносибати босалоҳият ба таълимро ҳар чи бештар дар ҷараёни дарсҳои забони модарӣ татбиқ намоянд [3-М], [4-М].

Ҳамин тавр, дарки мазмун ва ташаккули малакаҳои кор бо матн дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ масъалаи бовусъату фарох буда, минбаъд низ он таҳқиқу пажӯҳиши хешро интизор аст.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

Масъалаи дарки маънои матн муҳимтарин ва ҷиддитарин вазифаи таълим дар синфҳои ибтидоӣ маҳсуб ёфта, бо мақсади ташаккули малакаҳои кор бо матн, дарки мазмуни матни хондашуда ва хониши бошуурона тавсияҳои зеринро барои омӯзгорон ва муаллифони китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ пешниҳод намоем, то дар фаъолияти амалии хеш мавриди истифода қарор диҳанд:

1. Омӯзгор бояд ба фаъолиятҳои маърифатӣ-зеҳнии ташаккулдиҳандаи малакаҳои кор бо матн, дарки мазмуни матн ва хониши бошуурона дар хонандагон, ки дар матни диссертасия ин фаъолиятҳо ба таври густурда ва мушаххас номбар шудаанд, аҳамияти аввалиндараҷа диҳад.

2. Азбаски дар ҷараёни таълими ибтидоӣ нутқи шифоҳӣ асосӣ буда, он дар навбати худ бунёди нутқи хаттиро ташкил медиҳад, ба инкишофи нутқи даҳонӣ диққати ҷиддӣ бояд дод.

3. Асоси ташаккули малакаҳои дарки маъно ва хониши бошуурона ба ғанӣ будани таркиби луғавии бачагон вобастагӣ дорад. Барои бой гардонидани таркиби луғавии хонандагон бошад, ба ғайр аз луғатдонию луғатазёдкунӣ, боз аз роҳу усулҳои гуногуни дарки маъно ва инкишофи нутқ истифода кардан ба мақсад мувофиқ аст.

4. Дар синфҳои ибтидоӣ матнҳои бадеӣ аз осори классикӣ бештар ба шавқу завқи хонандагон ва ташаккули салоҳиятҳои асосии онҳо мусоидат

мекунанд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи барнома ва китобҳои дарсӣ бояд матнҳо бештар аз осори ниёгон интихоб карда шаванд.

5. Бо мақсади баланд бардоштани шавқу завқи бадеии хонандагон нисбат ба китоб ва мутолиаи он омӯзгор бояд дар ибтидо китобчаҳои барои хурдсолон бахшидашудаи расмдор, афсонаю ҳикояҳо, шеъру сурудҳо ва қиссаю ривоятҳои шавқоварро хонда, дар мавридҳои муайян саволу ҷавобҳо гузаронад, ба бачагон баъзан афсонаҳо нақл карда, дидаю шунидаашро мухтасар, сода ва бо шавқу хаяҷон баён кунад, аз худи бачаҳо низ талаб кунад, ки онҳо ҳам афсона ё ҳикояҳои медонистагиашонро нақл кунанд, шеъру сурудҳо хонанд, андешаҳояшонро оид ба ин ё он ҳодисаву воқеаи ҳаётӣ ифроз кунанд, ҳар моҳ машғулиятҳои хониши берун аз синфиро гузаронида, намоиши китобҳои бачагона ташкил кунад ва озмунҳои китобхонӣ гузаронад.

6. Ба омӯзгори синфҳои ибтидоӣ зарур аст, ки ҳангоми қироат ба ҷиҳатҳои асосии хониш - ботаваққуф ва бодиққат мутолиа намудан эътибори аввалиндараҷа диҳанд, дар вақти хониши босадо (шунаво) ба қоидаҳои ист дуруст риоя кардан, таъсирнокии сухан ва ба самъи шунаванда хуштар расидани савти овозро аснои хондан мушоҳида ва таъкид бояд кунанд.

7. Муҳимтарин фаъолият ва василаи ёрирасон барои ташаккули малакаҳои дарки маънои матн ва хониши бошуурона инҳоянд: кор бо луғат, ба саволҳо ҷавоби пурра додан, аз рӯи расми мазмуннок нақл кардан, гузоштани саҳначаҳо, ёфтани ҷавоби чистонҳо, истифодаи панду андарз ва ё мақолу зарбулмасалҳо, истифодаи тезгӯякҳо, аз ёд кардани шеър ва порчаҳои насрӣ, гузаронидани бозии «байтбарак», ташкили бозии «тезхонӣ», нақл кардан аз рӯи мушоҳида, хотирот ва саргузашт, ба гурӯҳҳо ҷудо кардани ашё, муайян кардани аломат ва хусусияти ашё, аз ёд кардани сурудҳои халқӣ ва мустақилона мутолиа кардани рӯзномаю маҷалла ё китобҳои дилхоҳ.

7. Қариб дар ҳар як матни китобҳои хониш бо калимаҳое вохӯрдан мумкин аст, ки на ҳама хонандагон ба маънои онҳо дуруст сарфаҳм мераванд. Аз ин хотир кор бо луғат – калимаҳои ношиносу номафҳум ва душворфаҳм бояд як лаҳзаи асосии ҳар як дарси забони модарӣ бошад.

8. Истифодаи роҳу восита ва усулҳои фаъолу интерактивӣ, ки дар матни диссертатсия ба таври муфассалу мушаххас номбар шудаанд, ба ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ, тафаккури мантиқӣ, маҳорати омӯхтан ва малакаҳои кор бо матн, дарки маънои матн ва хониши бошуурона бештар мусоидат мекунанд.

9. Мақсади таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ аз бедор кардан, инкишоф ва такмил додани тафаккур, афкори таҳлилию мантиқӣ ва созандаю офаранда иборат аст. Аз ин хотир, рушди тафаккуру зеҳн ва нутқи хаттиву шифоҳии хонанда бояд нуқтаи баланди мақсади таълими забони модарӣ бошад.

10. Мақсади асосии омӯзиши забони модарӣ дар синфҳои ибтидоиро бояд рушди тафаккур ва инкишофи нутқ (фаҳмидани моҳияти нутқи шифоҳӣ, дарки мазмуни нутқи хаттӣ, фикри худро хаттию шифоҳӣ мустақилона баён кардан) ташкил диҳад ва натиҷаи ниҳоии омӯзиши забони модарӣ бояд донистан, дар ҳаёти воқеӣ истифода бурда тавонистани забони модарӣ ва

бад-ин васила хонандаро ба ҳаёти оянда ҳамчун шахси босалоҳият омода кардан бошад.

11. Яке аз вазифаҳои асоситарини таълими фанни забони модарӣ бояд инкишофи нутқи адабии хонандагон бошад ва вобаста ба ин ба омӯзгор зарур аст, ки амалҳои зерин: талаффузи дуруст, ифоданок ва таъсирбахш сухан гуфтан, мунтазам ғанӣ ва фаъол кардани захираи луғавии хонандагон, мустақилона тартиб додани иборաю ҷумла ва баъдан эҷод кардани матнҳои хурд ё ҳикоячаҳо оид ба ин ё он мавзӯъ ва риояи задаи мантиқӣ ҳангоми баёни фикрро пайваста дар хонандагон талқин кунад.

12. Бозиҳои дидактикӣ дар ташаккули маҳорат ва малакаҳои кор бо матн, дарки мазмуни матн ва хониши бошуурона нақши муҳим доранд ва бояд барои иҷрои мақсаду вазифаҳои таълим ва шавқангезии раванди дарс мунтазам истифода гарданд. Дар раванди бозиҳои дидактикӣ хонандагон бояд бо вазъияти мушаххасе рӯ ба рӯ шуда, таҳлил кунанд ва андешаҳои худро баён созанд, роҳи ҳалли масъаларо ҷустуҷӯ кунанд, аз якдигар пурсанд, беҳтарашро қабул ва дар ҷавоб истифода намоянд.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААСТ


**I. Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда:**

[1-А] Ҳамроев, Ҳ. Инкишофи қобилиятҳои эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои забони модарӣ / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018 №1/3 (65). - С. 201-205.

[2-А] Ҳамроев, Ҳ.Ташаккули малакаҳои кор бо матн - муҳимтарин вазифаи дарси забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ / Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав – Бохтар, 2019, №1/3(65). - С. 214-217.

[3-А] Ҳамроев, Ҳ. Ҷанбаҳои психологӣ – педагогии ташаккули малакаҳои дарки маъно ва рушди тафаккури хонандагони зинаи аввали таҳсилот / Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф – Душанбе, 2019, №2 (26). - С. 75-79.

(4-А) Ҳамроев Ҳ. Ҷанбаҳои дидактикии ташаккули малакаҳои хониши ифоданок, кор бо матн ва дарки маъно дар синфҳои ибтидоӣ / Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав – Бохтар, 2022, №1/1(95). - С. 110-115.

[5-А] Ҳамроев, Ҳ. Омилҳои асосии ташаккули хониши ифоданок, фикронӣ ва малакаҳои дарки маъно дар хонандагони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021, №4(65). – С. 261-269.

[6-А] Ҳамроев, Ҳ. Мафҳуми дарк, тафаккур, зеҳн ва аҳамияти истифодаи бамавриди онҳо дар раванди таълим / Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф – Душанбе, 2022, №1 (37). - С. 75-79.

**II. Мақола ва маводи илмии дар нашрия ва маҷмӯаҳои дигар интишорёфта:**

[7-А] Ҳамроев Ҳ. Олим аз синфи як мебарояд. – Душанбе, “Омӯзгор”, 2009, №19.

[8-А] Ҳамроев Ҳ. Сустхонҳо ҷудо хонанд. - Душанбе, “Омӯзгор”, 2009, №28.

[9-А] Ҳамроев Ҳ. Варзиши фикр (дастури методӣ). – Қурғонтеппа, 2010.

[10-А] Ҳамроев Ҳ. Доnoяк (дастури методӣ) - Қурғонтеппа, 2012.

[11-А] [14-А] Ҳамроев Ҳ. Барои доно шудан , “Донояк”-ро бояд аз худ кард. – Қурғонтеппа, “Мактаб”, 2014, №5.

[12-А] Ҳамроев Ҳ. Бозӣ – омили асосии инкишофи ҳаматарафаи кӯдак (дастури методӣ). - Қурғонтеппа, 2015 Ҳамроев Ҳ.

[13-А] Инкишофи қобилиятҳои эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ. - Қурғонтеппа, “Мактаб”, 2014, №9.

[14-А] Ҳамроев Ҳ. Ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ. – Бохтар, “Мактаб”, 2018, №1.

[15-А] Ҳамроев Ҳ. Стратегияҳои рушди салоҳиятҳои хондан дар дарсҳои забони модарӣ (дастури методӣ). - Бохтар, 2018.

[16-А] Ҳамроев Ҳ. Кор бо матн бо мақсади хондан ва дарки маъно. – Душанбе, “Омӯзгор”, 2020, №8.

[17-А] Ҳамроев Ҳ. Ташаккули салоҳиятҳои хониши хонандагони хурдсол - вазифаи аввлиндараҷаи омӯзгори синфҳои ибтидоӣ // Маҷмуаи маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Шаклҳои инноватсионии баландбардории маҳорати касбии омӯзгорон дар системаи такмили ихтисос”. – Душанбе, ДҶТИБКСМ, 29 апрели соли 2020. – С. 45-47.

[18-А] Ҳамроев Ҳ. Технологияи муосири рушди маҳорату малакаҳои хониши ифоданок ва дарки маънои матн дар ҷараёни дарсҳои забони модарӣ // Маҷмуаи маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣӣ дар мавзуи “Технологияи нави таълим - омили рушди сифати таҳсилот”. – Душанбе, ДҶТИБКСМ, 23 апрели соли 2021. – С. 67-69.

[19-А] Ҳамроев Ҳ. Роҳу воситаҳои асосии ташаккули салоҳиятҳои андеша ва таҳлил кардан дар хонандагони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ // - Маводи Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Рушди такмили ихтисос дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” - Бохтар, ФДҶТИБКСМ дар минтақаи Бохтар, 3 сентябри соли 2021.

**ИНСТИТУТ РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ИМЕНИ АБДУРАХМОНА ДЖОМИ АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА**

***На правах рукописи***

**УДК: 372.8:373**
**ББК: 74.26+74.2**
**Н - 38**

**ХАМРОЕВ ХАБИБУЛЛО ДЖУРАЕВИЧ**

# ПЕДАГОГЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ НАВЫКОВ РАБОТЫ С ТЕКСТОМ, ОСОЗНАНИЯ СОДЕРЖАНИЯ И ОСМЫСЛЕННОГО ЧТЕНИЯ У УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

**АВТОРЕФЕРАТ**
**диссертации на соискание учёной степени кандидата педагогических наук по специальности 13.00.01 - Общая педагогика, история педагогики и образования**

**ДУШАНБЕ – 2022**

Диссертация выполнена в отделе дошкольного и начального образования Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана.

| | |
|---|---|
| **Научный уководитель** | **Гиясиев Мехриддин,** кандидат педагогических наук, доцент, заведующий кафедрой педагогики, психологии и методики обучения РИПКПРСО |
| **Официальные оппоненты** | **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович -** доктор педагогических наук, профессор кафедры социальной и профессиональной педагогики Худжандского государственного университета им. академика Бободжона Гафурова<br><br>**Ниёзов Акбар** - кандидат педагогических наук, заведующий кафедрой методики начального обучения Бохтарского государственного университета им. Носира Хусрава |
| **Ведущая организация** | **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ** |

Защита диссертации состоится 12 сентября 2022 года в 14$^{00}$ часов на объединённом диссертационном совете 6D.KOA-022 при Национальном университете Таджикистана и Академии образования Таджикистана (735700, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. С. Айни, 126; тел.: 225 84 23).

С диссертацией можно ознакомиться в библиотеке и на сайте Академии образования Таджикистана (www.aot.tj).

Автореферат разослан «___» ___________ 2022 года.

**Учёный секретарь объединённого диссертационного совета, доктор педагогических наук** **М. Каримзода**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность проблемы исследования.** Современный мир устойчивого развития общества ставит вопрос о необходимости достижения качественного образования, необходимого для жизни. Владение критического мышления и навыков работы с информацией (с текстом) рассмативается сегодня как основновные компетенции поколения «века информации».

Поэтому основная цель обучения должна быть направлена на то, чтобы дети в первой ступени обучения общеобразовательной школы могли спокойно читать, писать, считать, а также должны быть развитыми, умственными, творческими и свободно выражать свои мысли. Другими словами, дети в этом возрасте должны присвоить те навыки, которые постепенно способствуют развитию их основных компетенций, необходимых для их развития сегодня и в будущем, в том числе: способность учиться и самостоятельно искать знания, логически мыслить, быть творческим и коммуникативным.

Надо отметить, что при обучении родного языка в начальных классах работа с текстом и понимать значение текста является самой основной, без нее невозможно представить организации прцесса обучения, так как осознание содержания прочитанного является результатом и итогом мыслительной деятельности младщих школьников.

Цель выраженных выше мнений заключается в том, что в учебных программах, действующих до двухтысячных годов, мало обращено внимание на формирование навыков усвоения содержания текста и умственное развитие учащихся начальных классов и в этих программах отсутствовали определённые установки об этом. Такой подход, естественно, в некоторой степени стал преградой для развития устной речи учащихся в начальных классах.

Несмотря на это, наблюдение и посещение уроков некоторых учителей начальных классов свидетельствуют о том, что большинство учащихся не вполне понимают содержание текста и у них отсутствуют навыки работы с текстом и осмысленного чтения, которые находятся на низкой степени и не соответствуют требованиям. В связи с этим, мы поставили перед собой цель, чтобы выявить и рассмотреть причины и факторы, способствующих этому и в целях их устранения разрабатывать методические пособия и учебные модели, соответствующие формированию этих компетенций у учащихся младщих классов и представить их учителям начальных классов.

Выбор нами данной темы связано с тем, что в отечественной методической науке подробно и всесторонне не исследованы проблемы работы с текстом, обучения навыков смыслового чтения и значения осознангого чтения в развитии речи младших школьников.

Актуальность данной темы заключается в том, что она рассматривается в контексте современных требований к обучению и воспитанию молодого поколения и анализируется с учетом последних изменений и реформ, происходивших в сфере образования, особенно с учётом перехода на компетентностный подход в обучении.

Предъявленные соображения и факты свидетельствуют о том, что выбранная нами тема диссертационного исследования - «Педагогические аспекты

формирования наыков работы с текстом, осознания содержания и осмысленного чтения у учащихся начальных классов» имеет глубокое теоретическое и практическое значение.

**Степень разработанности научной темы.** Изучены и рассмотрены отечественные и зарубежные научные, научно-методические, научно-образовательные, педагогические и психологические источники, опубликованные известными учёнными и методистами. Результаты изучения и анализа свидетельствуют о том, что по направлению организации работы с текстом, осознания содержания и осмысленного чтения текста отечественными и зарубежными учёными выполнены ряд исследований. Таджикскими учёными и методистами достигнуты некоторые успехи в исследовании проблемы развития речи учащихся, сознательного чтения и осмысления прочитанного, а также по вопросам теории и практики обучения родного языка в начальных классах.

Знаменитые таджикские учёные и исследователи С. Айни. М.Шакури, Н.Маъсуми, Ш. Рустамов, Д.Тоджиев, С.Халимов, Т.Х.Мирзозода, Т.Хаскашев, Ш. Хусейнзода, А.Афсахзод, Х. Каримов, М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, И. Каримова, Х. Афзалов, Х. Хусейнов, С. Вохидов, М. Мухаммадев, Б. Камолиддинов, М. Курбонов, М. Рахмонов, А. Эшонджонов, Х. Буйдоков, Х .Хаскашев, Б. Маджидова. Л.Иматова, Р. Амонов, Н. Амонов, .Х.Мирзозода, Н. П. Парпиев, С. Табаров, А. Суфизода, Б. Кодиров, С. Шербоев, С.Аминов, С. Икромов, Ф. Икромова, И.Абдуллозода, С.Неъматов, Э.Шарипов, С.Тагоев, А.Махмадаминов, А.Байзоев, Ш.Тагоев, М.Шайхов и другие сделаны некоторые заметки и указания о проблемах работы с текстом и сознательного чтения и представлены важные мнения и соображения и наша исследовательская работа в основном опиралась на них.

Кроме этого, известные зарубежные учёные, методисты, психологи К. Д. Ушанский, И. В. Прокопович, Б. И. Коротяев, М. Л. Льнов, Б. Н. Кабанова, А. Л. Юбинская, И. Г. Василева, В. А. Иоаннесьян, А. В. Поликова, В. П. Стрезикозин, М. Д. Виноградова, И. Б. Первин, А. Н. Соколова, Л. Л. Гуровой, Н. И. Жинкина, Т. Г. Рамзаева, Н.С.Рождественский, В. А. Кустарева, А. В. Текучев, В. А. Крутетский, А .А. Любинская, Н. Д. Левитов, А. А. Смирнов, Б. М. Теплова, Б. М. Кононыкин, Н. Т.Шербакова, М. А. Скаткина, М. Данилов, Л. П. Федоренко, Л. В. Занков, Л. П. Элконин, В. Т. Стрекозин, Т. А. Ладыженская, Л. С. Выготский, А. Н. Леонтьев, О. И Никифрова, Р.Арихейм и другие выражали свои точки зрения о проблемах развития речи, мышления, ума, усвоения знания и психологических особенностей младших школьников и в своих научных работах выдвигали научные идеи, которые нами широко использованы в диссертационом исследовании.

Отечественные и зарубежные психологи обращают особое внимание на то, что осмысление содержания текста это не только обычная съемка и простое восприятие информации, но и объемная работа, в которой положительная заинтересованность, страсть, желание и требование играют важную роль.

Несмотря на это, до сих пор в Таджикистане не выполнена самостоятельная научно-практическая работа по педагогической технологии формирования навыков работы с текстом и осмысленного чтения у учащихся младших классов и не подвергнуты отдельному исследованию проблемы педагогических основ ее

реализации в процессе обучения в начальных классах средних общеобразовательных учреждениях республики.

Существование множество нерешённых и спорных проблем и противоречий в данном направлении привело нас к выбору темы диссертационной работы и предоставило возможность для определения проблемы, цели и задач исследования.

В соответствии с установленными для исследования проблемами и на основе анализа актуальности предмета исследования определено название нашей диссертационной работы на тему «Педагогические аспекты формирования навыков работа с текстом, осознание содержания и осмысленного чтения у учащихся начальных классов».

Проблемы исследования:

- поиск, определение и обоснование эффективных методов решения проблемы навыков работы с текстом и сознательного чтения у младших учащихся соответственно требованием времени и актуальности данного вопроса;

